**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ.**

Фалак яке аз падидаҳое аст, ки бо он мардуми тоҷик ифтихор мекунад. Маҳсули фарҳангӣ-маънавии Фалак садсолаҳо дар қалби тоҷикон рушд ёфта, як василаи муҳими баёни самимият дар шакли бадеӣ мебошад. Ин аст, ки дар давраи Истиқлолияти Тоҷикистон ба ин падида аҳаммияти хосса дода шуд.

Хурсандиовар аст, ки насли имрӯзаи муҳаққиқон ба Фалак таваҷҷуҳи хосса пайдо кардаанд. Муаллифи кори диссертатсионӣ худ фалакхон аст ва ҳамзамон чун муҳаққиқи он ташаккул ёфтааст. Маълумоти интишории диссертант, муҳлати 20-солаи навиштани рисола ва саҳми ӯ дар коркарди мавзуъ аз он дарак медиҳад, ки муносибати С.Каримзода ба кори худ хеле ҷиддӣ аст.

Ба мубрамии мавзуъ шакку шубҳае пайдо намешавад, зеро ки масъалаи жанри мусиқии суннатии тоҷик ва ҳатто масъалаҳои жанрӣ дар мусиқии композитории Тоҷикистон кам коркард шудааст. Ва ин таҳқиқот ҷойи холиро дар илми мусиқии тоҷик пурра мегардонад.

Диссертант дар қисмҳои таркибии таҳқиқот – боби 1. «Заминаи жанрии фалак» бо фаслҳои «I.1. Мафҳуми «жанр» дар мусиқишиносӣ» ва «I.2. Пешомадҳои пайдоиши жанр дар мусиқии суннатӣ», боби 2 «Ҳалли композитсионӣ дар жанрҳои Фалак» бо фаслҳои «II.1. Доираи жанрӣ дар анъанаи фалаки помирӣ», «II.2. Фарогирии жанрӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ», ҳарду дар зерфаслҳои «Фалакҳои яккисма» ва «Фалакҳои силсилавӣ» ва ниҳоят, боби 3 «Татбиқи масъалаҳои назарияи жанрӣ дар амалияи муосири Фалак» бо фаслҳои таркибии «Мавқеи калидии Фалаки Равона дар анъанаи фалаки кӯлобӣ», «Меъёрҳои асосии жанрии Фалак» ва «Амалҳои бастакорӣ зимни фалакхонӣ» мавзуи рисоларо пайопай баён намуда, бо таҳлилоти муфассал пурра гардонидааст. Аз онҳо маълум

мегардад, ки диссертант мавзуро амалан хеле хуб медонад ва тавонистааст онро аз ҷиҳати назарӣ ҳам муфассал пешниҳод намояд.

Мазмуни автореферат дар ду забон хеле дақиқона тарҷума шуда, ба якдигар мувофиқ баромадааст. Дар ҳарду ягон нуқсони имлоӣ нест. Натиҷаҳои таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар фаъолияти омӯзгорӣ, бастакорӣ ва косертии муҳаққиқ мавриди истифода қарор доранд.

Аз ин рӯ, кори диссертатсионии Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» кори анҷомёфта ҳисобида мешавад. Ва муаллифи он сазовор ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Дотсенти кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайёҳии
МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода"
н.и.п., дотсент Назарова З.Э.

«__» майи соли 2026.

**Нишонӣ:** 724032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73 "А". Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.
Тел.: (+992-37) 2 31 18 27; +992 902-44-84-78

Имзои Назарова Зебуниссо Эшонкуловнаро
тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои Муассисаи давлатии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода» Нуридинзода Ф.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Нишонӣ:** 724032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73 "А". Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.
Тел.: (+992-37) 2 31 18 27;

«__» майи соли 2026.